«Мувофиқа шудааст»
Вазори молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
__________С.Наҷмиддинов
аз «25» декабри соли 2012
№3-12а/7

«Тасдиқ карда шудааст»
бо Фармоиши
Кумитаи андози назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «20» декабри соли 2012
№16-Ф

**«Дар Вазорати Адлия таҳти №708 аз 12 апрели соли 2013 ба қайд гирифта шудааст»**

# ДАСТУРАМАЛ ДАР БОРАИ ТАРТИБИ ҲИСОБ ВА ПАРДОХТ НАМУДАНИ АНДОЗ АЗ ФУРӮШ (НАХИ ПАХТА ВА АЛЮМИНИЙИ АВВАЛИЯ)

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Дастурамал дар бораи тартиби ҳисоб ва пардохт намудани андоз аз фурӯш (нахи пахта ва алюминияи аввалия) (минбаъд-Дастурамал) дар асоси қисми 5 моддаи 261 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, тартиби ҳисоб ва пардохт намудани андоз аз фурӯш (нахи пахта ва алюминияи аввалия)-ро муайян менамояд.

2. Мафҳумҳои асосие, ки дар Дастурамали мазкур истифода мешаванд:

а) молҳои андозбандишаванда-нахи пахта ва алюминийи аввалия;

б) амалиётҳои андозбандишаванда (минбаъд-фурӯш) аз инҳо иборат мебошад:

-таҳвили молҳои андозбандишаванда (фурӯши молҳои андозбандишаванда);

-воридоти молҳои андозбандишаванда ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва (ё) содироти он ба берун аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-коркарди мустақилонаи молҳои андозбандишаванда аз ҷониби истеҳсолкунанда, додани онҳо барои корард, ба гарав ва (ё) ба сифати ашёи хом барои коркард;

-таҳвили (фурӯши) молҳои андозбандишаванда тибқи шартномаҳои фючерсӣ (форвардӣ) ё дигар ҳолатҳои додани (бегона кардани) молҳои андозбандишаванда;

-ба шахси дигар додани молҳои андозбандишавандае, ки натиҷаи хизматрасониҳо оид ба истеҳсоли молҳои андозбандишаванда мутобиқи низоми гумрукии коркард дар ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

3. Дар вақти ҳисоб кардани андоз аз фурӯши нахи пахта ва алюминийи аввалия (минбаъд - андоз аз фурӯш) ба истисноӣ сархати

панҷуми зербанди «б» қисми 2 Дастрамали мазкур андоз аз арзиши иловашуда ситонида намешавад.

4. Барои муайян намудани манбаи андоз арзиши молҳои фурӯхташудае, ки бо дарназардошти нархи моли андозбандишаванда дар ассотсиатсияи пахтаи Ливерпул биржаи металлҳои Лондон (алюминийи аввалия) дар рӯзи фурӯш ташкилшуда ҳисоб шудааст, ба инобат гирифта мешавад.

## 2. АНДОЗСУПОРАНДАГОН

5. Супорандагони андоз аз фуруш шахсони ҳуқуқӣ ва воқеие мебошанд, ки нахи пахта ва алюминийи аввалияи («молҳҳои андозбандишаванда») дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолшударо ба бозорҳои дохилӣва хориҷӣтаҳвил медиҳанд, молҳои андозбандишавандаро мустақилона коркард менамоянд ё барои коркард ё дигар мақсадҳо медиҳанд ё намудҳои дигар молҳои андозбандишаванда бо истифодаи низоми гумрукии коркард дар қаламрави гумрукӣ истеҳсолшударо, ки номгӯи онҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст ба анҷом мерасонанд.

6. Андоз аз фурӯш ба буҷаи ҷумҳуриявӣ пардохт карда мешавад.

## 3. ОБЪЕКТИ АНДОЗБАНДӢ

7. Объекти андозбандӣ арзиши молҳои таҳвилшудаи андозбандишаванда, ба гарав монда, тибқи муомилоти фючерсӣ (форвардӣ) фурӯхташуда, ба сифати ашёи хоми молик додашаванда, содир кардани молҳои андозбандишаванда ба хориҷҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин арзиши молҳои андозбандишавандаи мустақилона коркарднамуда ё барои коркард ё дигар мақсадҳо додашуда ва молҳои андозбандишаванда бо низоми гумрукии коркард дар қаламрави гумрукӣ истеҳсол гардида,ба ҳисоб мераванд.

8. Тамоми муомилот бо молҳои андозбандишаванда – фурӯш, мубодила, интиқол барои истеҳсоли минбаъда, истифодабарӣ барои эҳтиёҷоти худ, коркарди мустақилонаи ашёи хоми пахта, ё коркарди мустақилона ба таври ройгон додашуда, харидашуда тибқи муомилоти фючерсӣ (форвардӣ), ба таври ашёи хоми молик ё ба замонат супоридашуда ва дигар амалиётҳои бо таъғир ёфтани молик (коркардкунанда) алоқаманд бо андоз аз фурӯш андозбандӣ карда мешаванд.

## 4. МАНБАИ АНДОЗ

9. Манбаи андоз арзиши моли андозбандишаванда бо дарназардошти сифат, намуд ва навъ, дар асоси нархҳои дар санаи содир гардидани амалиёти андозбандишаванда дар биржаи металлҳои рангаи Лондон ва ассотсиатсияи пахтаи Ливерпул ташаккулёфта

муайян карда мешавад.

10. Манбаи андози молҳои андозбандишавандае, ки бо истифодаи низоми гумрукии коркард дар ҳудуди гумрукӣ истеҳсол мешаванд, мувофиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст.

11. Нархгузорӣ ба нахи пахта, мувофиқи индекси ассотсиатсияи пахтаи Ливерпул барои тоннаи пахта нархи асосӣ аз рӯи рамзи (коди) 21-2/35 ба ҳолати 15 августи соли 2012, дар мавриди индекси нархгузории 82,20 ба таври зайл муайян карда мешавад:

Индекси нархгузорӣ + илова ё тахфиф барои навънокӣ + 22,0462

Масалан, нархи навъ тибқи рамзи (коди) 21-2/35 ба таври зерин муайян карда мешавад:(82,20+4)*22,0462=1900,38$

| Навъ | Индекси нархгузории ассотсиатсияи пахтаи Ливерпул | Пардохти иловагӣ (тахфиф барои навънокӣ нисбати нархи асосӣ | Нарх барои 1тонна нахи пахта бо мақсади андозбандӣ |
|---|---|---|---|
| 21-2/35 | 82,20 | 4 | 1900,38 |

***Мисоли 1:*** *Хоҷагии деҳқонии «Алишер» 20 тонна нахи пахтаи типи 4-5 навъи 1 тибқи рамзи (коди) 21-2/35 харидорӣ мекунад. Нархи 1 тонна нахи пахтаи тип ва навъи мазкур ба санаи харидорӣ 1900,38 доллари Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ро ташкил медиҳад. Қурби 1 доллари Иёлоти Муттаҳидаи Амрико нисбати сомонӣ 4,7647 сомониро ташкил медиҳад. Гардиши андозбандишаванда ба таври зерин муайян карда мешавад:*

*20,0*1900,38*4,7647=181094,81сомонӣ.*

*Маблағи андоз аз фурӯши ба буҷаи ҷумҳуриявӣ воридшаванда 18109,48 сомониро ташкил медиҳад (10% аз 181094,81 сомонӣ).*

12. Шахсони ҳуқуқӣ ва воқеие, ки молҳои андозбандишавандаро аз нав мефурӯшанд, андоз аз фурӯшро ба шакли фарқи байни маблағи андоз, ки бо дарназардошти нархҳои дар рӯзи фурӯши мол ба харидорон ва рӯзи хариди он аз молрасониҳои худ барои андозбандӣ истифодашаванда ҳисоб мешаванд, мепардозанд.

*Мисоли 2: Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Наврӯз» 10 июли соли 2012 ба миқдори 100 тонна нахи пахта бо назардошти нархҳои биржавӣ (8000 сомонӣ барои 1 тонна) дар рӯзи амалиёти андозбандишаванда бо пардохти андоз аз фурӯши нахи пахта ба маблағи 80000 сомонӣ ((8000х100)х10%) харидорӣ намуд. Аз нахи пахтаи харидашуда Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Наврӯз» 1 августи соли 2012 ба миқдори 50 тонна нахи пахта бо нархи биржавии 8500 сомонӣ барои 1 тонна ба фурӯш баровард. Дар ин ҳолат Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Наврӯз» ӯҳдадор аст, ки ба маблағи 2500 ((8500-*

*8000)x50x10%) сомонӣ андоз аз фурӯш пардохт кунад. Яъне андоз аз фурӯш бо назардошти нарх дар рӯзи харид (8000 сомонӣ), ба санаи фурӯш (8500 сомонӣ) ва ҳаҷми амалиёти андозбандишаванда (50 тонна) муайян карда мешавад.*

13. Шахсоне, ки молҳои андозбандишавандаро аз ҷумҳурӣ содир мекунанд ё ба дигар корхонаҳо дар дохили ҷумҳурӣ ба сифати ашёи хоми молик медиҳанд ё ба замонат месупоранд, ӯҳдадоранд маблағи андоз аз фурӯшро пардозанд.

14. Дар мавриди коркарди мустақилонаи молҳои андозбандишаванда ё интиқоли онҳо ба мақсадҳои шахсӣ, маблағи андоз аз фурӯш ба буҷет бояд на дертар аз се рӯз аз рӯзи чунин интиқол ба коркард ё дигар мақсадҳо пардохт карда шавад.

## 5. МЕЪЁРИ АНДОЗ

16. Меъёри андоз аз фурӯш нисбат ба манбаи андозбандишаванда ба андозаи зерин муқаррар карда мешавад:

а) барои нахи пахта - 10 фоиз;

б) барои алюминийи аввалия - 3 фоиз.

17. Меъёри андоз аз фурӯш барои молҳои андозбандишавандае, ки бо истифодаи низоми гумрукии коркард дар ҳудуди гумрукӣ истеҳсол мешаванд аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

## 6. ТАРТИБИ ҲИСОБКУНӢ

18. Маблағи андози пардохташавандаро супорандагон мустақилона, дар асоси нархҳои биржавӣ дар рӯзи содир гаштани амалиёти андозбандишаванда, бо назардошти сифат, намуд, навъ ва ҳаҷми молҳои андозбандишаванда ҳисоб мекунанд. Дар ҳуҷҷати пардохти андоз тарзи содир намудани амалиёти андозбандишаванда (фурӯш, мубодила, қисман қабул кардани маблағ супоридан ба сифати ашёи хоми молик, ба замонат супоридан, фурӯш тибқи муомилоти фючерсӣ (форвардӣ) ва ғ.) нишон дода мешавад.

19 Эъломияи андоз аз фурӯш (нахи пахта ва алюминияи аввалия) тартиб дода шуда бамақомоти андози маҳалли қайди андозсупоранда пешниҳод карда мешавад (Замимаи 1).

20. Агар амалиётҳои андозбандишаванда нисбати якчанд навъҳои (намудҳо, типҳои) молҳои андозбандишаванда, ки дорои нархҳои гуногун мебошанд, амалӣ шуда бошад, ҳисоби маблағи андоз алоҳида нисбати ҳар як навъ ва микдори таҳвил тартиб дода мешавад.

21. Мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади муайян намудани мутобиқоти навъ, ҳаҷм, навъҳои молҳои дар эъломияи гумрукӣ овардашуда ва маълумоте, ки пардохти андоз аз фурӯшро мувофиқи тасдиқномаи Нозироти андозсупорандагони калони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тафтиши

назоратии молҳои содиротшаванда ва андозбандишавандаро амалӣ мекунанд.

22. Дар мавриди хариди молҳои андозбандишаванда тибқи муомилоти фючерсӣ (форвардӣ) барои ҳисоби маблағҳои андоз, нархи барои андозбандӣ истифодашавандаи мол нархе, ки дар санаи ҳамлу нақл истифода шудаан, қабул карда мешавад.

*Мисоли3: Ширкат аз истеҳсолкунандаи пахта 200 тонна нахи пахта тибқи муомилоти фючерсӣ харидорӣ намуд. Муомилот 20 апрели соли 2012 баста шудааст.*

*Таҳвили нахи пахта моҳи октябри соли 2012 пешбинӣ гардидааст. Ширкат арзиши 200 тонна нахи пахтаро дар муддати моҳҳои май-сентябри соли 2012 пурра пардохт намуд. Таҳвили якум аз тарафи хоҷагӣ (фурӯшанда) 21 октябри соли 2012 амалӣ карда шудааст. Андоз аз фурӯш ба буҷа аз тарафи Фурӯшанда на дертар аз 24 октябри соли 2012 бо нархи дар биржаҳо дар санаи 21 октябри соли 2012 ташкилшуда пардохт карда мешавад. Ҳангоми содир намудани моли андозбандишаванда берун аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, пардохти андоз то гузаштани сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад.*

23. Маблағи андоз аз фурӯш ҳангоми супоридани моли андозбандишаванда ба сифати ашёи хоми молик ё замонат вобаста аз нархи мол дар санаи супоридан ҳисоб карда мешавад.

24. Ҳангоми дар рӯзи фурӯш ба пардохткунанда маълум набудани нархи биржавӣ, андоз дар асоси маълумоти мавҷуда оид ба нархи биржавии моли андозбандишаванда дар санаи наздиктарини рӯзи фурӯш ҳисоб карда мешавад. Маблағи андоз аз ҷониби андозсупоранда ҳангоми ворид гаштани маълумот оид ба нархи моли андозбандишавандаи фурӯхташуда дар санаи фурӯш аниқ карда мешавад ва санади муқоисавии андозсупоранда бо Нозироти андозсупорандагони калон оиди маблағи андоз аз фурӯши пардохташудаи нахи пахта ва алюминии аввалия тартиб дода мешавад.

25. Андоз аз фурӯш то таҳвили (интиқоли) моли андозбандишаванда ё дар мӯҳлати на дертар аз 3 рӯзи баъди ворид шудани маблағ ба суратҳисоби андозсупоранда дар бонк ё ҳангоми ҳисоббаробаркунӣ бо пули нақд ба хазинаи ӯ воридшуда, то лаҳзаи бор кардан, таҳвил ё интиқоли молҳои андозбандишаванда пардохт мешавад.

26. Маблағи ба буҷет пардохтшавандаи андоз аз фурӯш ба хароҷоти истеҳсолот ва муомилоти маҳсулоти мазкур дохил карда мешавад ба истиснои молҳои андозбандишавандае, ки бо низоми гумрукии коркард дар қаламрави гумрукӣ истеҳсол карда шудаанд.

27. Барои ҳисоб кардани андоз аз фурӯш ҳангоми амалиёти андозбандишаванда бо алюминии аввалия, аз тарафи андозсупоранда нархи истифодашавандаи биржаи металлҳои Лондон барои андозбандӣ дар рӯзи ҳамлу нақл қабул карда мешавад.

*Мисоли 4: Заводи алюминийи Тоҷик ба дигар ширкат моҳи августи соли 2012 ба миқдори 300 тонна алюминии аввалияи тамғаи 5 ПТ*

*фурӯхтааст. Нархи миёна дар биржаи металлҳои Лондон моҳи август барои 1 тонна 1141 доллари Иёлоти Муттаҳидаи Амрикоро бо назардошти тахфиф ташкил медиҳад. Пас манбаи андоз, 300*1141$ * 4,76 =1629348(як миллиону шашсаду бисту нӯҳ ҳазору сесаду чилу ҳашт) сомониро ташкил дода бо меъёри 3% андоз ба маблағи 48880 сомонӣ ҳисоб карда мешавад. (1629348*3%)(қурби 1 доллари Иёлоти Муттаҳидаи Амрикоро ба 4,76 сомонӣ баробар аст). Ҳамин тариқ, Заводи Алюминийи Тоҷик барои 300 тонна алюминийи аввалияи фурӯхташуда бояд ба буҷа андоз аз фурӯш ба маблағи 48880 сомонӣ пардохт намояд.*

***Мисоли 5:*** *Заводи Алюминийи Тоҷик мутобиқи шартнома бо ширкати «Юпитер»-и Ҷумҳурии Украина дар ҳаҷми 10000 тонна алюминийи аввалияро бо тариқи низоми гумрукии коркард дар қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон коркард намуд. Дар ин ҳолат Заводи Алюминийи Тоҷик супорандаи андоз аз фурӯш ба ҳисоб рафта, ба маблағи 65 сомонӣ барои ҳар як тонна (тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.04.2009,№273)ҷамъба маблағи 650000 сомонӣ (65*10000)андозро ҳисоб ва пардохт менамояд.*

## 7. МӮҲЛАТИ ПАРДОХТИ АНДОЗ

28. Ҳангоми харида фурӯхтани молҳҳои андозбандишаванда, аз он ҷумла ҳангоми мубодилаи молҳои андозбандишаванда, супоридан ба сифати ашёи хоми молик ё гарав, санаи амалиёти андозбандишавандарӯзи боркунӣ, таҳвил, интиқоли ин молҳо мебошад.

29. Агар маблағҳо барои маҳсулоти андозбандишавандаи фурӯхташуда пурра ворид нагардида бошанд, дар навбати аввал маблағҳои воридгардида барои пардохти андоз аз фурӯш истифода бурда мешаванд.

30. Аз ҷумла шахсони ҳуқуқӣ ва воқеие, ки ба истеҳсоли ришта машғул буда, пахтаи хомро харид карда дар корхонаи худ бо роҳи коркарди он ришта истеҳсол менамоянд ё ба дигар корхона шартнома танҳо барои коркард баста, чунин фаъолиятро ба анҷом мерасонанд ва баъд ришта истеҳсол шудаи мефурӯшанд ё дигар маҳсулот истеҳсол менамоянд, барои ҳисоб ва пардохти андоз ӯҳдадоранд. Яъне шахсоне, ки пахтаи хомро коркард карда аз нахи пахта ришта истеҳсол менамоянд супорандаи андоз аз фурӯш барои нахи пахта ба ҳисоб мераванд.

31. Ба ҳисоб гирифтани андози воридгардида доир ба ҳар як андозсупоранда дар кортҳои суратҳисобҳои шахсӣ ба тариқи муқаррар намудаи Дастурамал «Дар бораи тартиби бурдани баҳисобгирии фаврии андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» алоҳида бурда мешавад.

32. Ҳангоми ҳамлу нақли моли андозбандишаванда барои содирот, пардохти андоз то аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаштани моли андозбандишаванда амалӣ карда мешавад.

Барасмиятдарории моли андозбандишаванда, новобаста аз низоми истифодашудаи гумрукӣ, аз тарафи мақомоти гумрук танҳо дар сурати мавҷуд будани тасдиқнома оиди пардохти андоз аз фурӯш амалӣ карда мешавад (Замимаи 2). Бидуни пардохти пешакии андоз аз фурӯш содирот анҷом дода намешавад.

33. Мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳар моҳ то санаи 10-уми моҳи минбаъдаи давраи ҳисоботӣ, ба Нозироти андозсупорандагони калон доир ба содироти маҳсулоти андозбандишавандаи андоз аз фурӯш нисбати ҳар як содироткунанда барои моҳи гузашта маълумотнома пешниҳод менамояд (Замима 3)

34. Пас аз як рӯзи пардохти андоз аз фурӯш аз ҷониби андозсупоранда ба буҷет, муассисаҳои бонкӣ вазифадоранд, ки ба мақомоти андоз, гумрук ва молия ҳуҷҷати тасдиқкунандаи дахлдорро оиди пардохти андоз аз фурӯш ирсол намоянд. Нозироти андозсупорандагони калон, пас аз қабули ҳуҷҷати тасдиқкунандаи пардохти андоз аз фурӯш ба буҷет, тасдиқнома оид ба пардохти андоз аз фурӯшро медиҳад.

35. Пардохти андоз аз фурӯш ба буҷет бо асъори миллӣ анҷом дода мешавад.

36. Барои моҳи ҳисоботи, андозсупорандагон то рӯзи 15-уми моҳҳи минбаъдаи давраи ҳисоботӣ, эъломияро оид ба андоз аз фурӯш (нахи пахта ва алюминийи аввалия) ба нозироти андози маҳалли қайди худ пешниҳод менамоянд. Оиди маблағи ҳисобишудаи андоз аз фурӯш ҳангоми истифодаи низоми гумрукии коркард дар қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсол гардида, эъломия пешниҳод карда мешавад (Замима 4)

37. Доир ба ҳар як намуди маҳсулоти андозбандишаванда эъломияи алоҳидаи андоз пешниҳод карда мешавад.

## 8. БА ҲИСОБ ГИРИФТАНИ МАБЛАҒИ АНДОЗ АЗ ФУРӮШИ НАХИ ПАХТА ВА АЛЮМИНИЙИ АВВАЛИЯ БА ҲИСОБИ АНДОЗ АЗ АРЗИШИ ИЛОВАШУДА ҲАНГОМИ ТАҲВИЛИ МАХСУЛОТИ КОРКАРДИ ОНҲО БА БОЗОРИ ДОХИЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

38. Дар ҳолати ба бозори дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳвил намудани молҳое, ки маҳсули коркарди молҳои бо андоз аз фурӯш андозбандишаванда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, баҳисобгирии маблағҳои пардохташудаи андоз аз фурӯш нисбат ба ҳисоби андози арзиши иловашуда аз ҳисоби молҳои истеҳсолгардида иҷозат дода мешавад.

39. Ҳангоми таҳвили маҳсулоти коркарди молҳои андозбандишаванда ба бозори дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳисобгирӣ дар асоси банди 32 ҳамин дастурамал бо риояи ҳолатҳои

зерин дар мавриди молҳое (иҷрои кор ва хизматрасониҳое), ки барои мақсадҳои амалиёти озодкардашуда истифода мешаванд,амалӣ карда мешавад:

а) ҳангоми амалиёти андозбандишаванда ва озодкардашуда маблағи андоз аз фурӯш ба ҳисоби андоз аз арзиши иловашуда ба ҳисоб гирифта шаванда, бо усули мутаносибӣ дар давраи андоз муайян карда мешавад.

б) ҳангоми муайян намудани маблағи андоз аз фурӯш, ки бо тарзи алоҳида ба ҳисоб гирифта мешавад, супорандаи андоз аз арзиши иловашуда вобаста ба хароҷот, маблағи андоз аз фурӯши нахи пахта ва алюминийи аввалияро, ки барои истеҳсол ва таҳвил дар бозори дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои содирот истифода шудааст, ҳисоби алоҳида пеш мебарад.

40. Ҳангоми содироти маҳсулоти коркард баҳисоб гирифтани маблағи андоз аз фурӯш ба ҳисоби андоз аз арзиши иловашуда, ки бояд пардохта шавад, анҷом дода намешавад.

41. Агар фарқи байни андоз аз арзиши иловашуда, ки бояд аз рӯйи таҳвили маҳсули коркард ба бозори дохилӣ пардохт шавад ва маблағи дахлдори андоз аз фурӯш манфӣ бошад, ҷуброни (баргардонидани) маблағ аз фурӯш аз буҷет анҷом дода намешавад. Фарқи мусбии байни маблағҳои дар боло зикргардида бояд ба буҷет пардохта шавад.

*Мисоли 6: Корхонаи муштараки«Ҳабиб» барои коркард дар дохили ҷумҳурӣ аз хоҷагӣ ба миқдори 100 тонна нахи пахтаро харидорӣ карда, андоз аз фурӯшро ба маблағи 80920 (100*1700 $* 10%*4,76=80920) сомонӣ пардохт кардааст. Корхона пас аз коркарди нахи пахта ба маблағи 590000 сомонӣ матоъ ба даст овардааст. Ҳангоми фурӯши матоъ маблағи андоз аз арзиши иловашуда, ки бояд ба буҷет пардохт карда шавад, 106200 (590000*18%) сомониро ташкил кард.*

*Корхона эъломияи андоз аз арзиши иловашударо ба мақомоти андоз бо назардошти маблағи пардохташудаи андоз аз фурӯш, барои пардохт ба буҷа ба маблағи 25280 (106200-80920) сомонӣ пешниҳод мекунад.*

## 9. НАЗОРАТИ ПАРДОХТИ АНДОЗ А ҶАВОБГАРИИ АНДОЗСУПОРАНДАГОН

42. Назорати пардохти саривақтӣ ва пурраи андоз аз фурӯш ба буҷет аз ҷониби мақомоти андоз анҷом дода мешавад.

43. Шахсоне, ки дар натиҷаи амалиёти андозбандишаванда молҳои андозбандишавандаро харидаанд, уҳдадоранд, ки дар муҳлати 10 рӯз нусхаи ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи пардохти андозро ба нозироти андозсупорандагони калон пешниҳод кунанд. Дар ҳолати вуҷуд надоштани ҳуҷҷатҳои мазкур, ин шахсон уҳдадоранд маблағи пурраи андозро аз ҳисоби худ пардохт намоянд.

*Мисоли 7: Ширкати ресандагии «Заринбофт» аз хоҷагии деҳқонии*

*«Файзбахш» дар ҳаҷми 100 тонна нахи пахтаро харидори намудааст, пас бояд ширкати ресандагии «Заринбофт» дар муҳлати 10 рӯз ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи пардохти андоз аз фурушро нисбати ҳамин 100 тонна пахтаи харидашуда, аз хоҷагии деҳқонии «Файзбахш» талаб намуда, нусхаи онро ба Нозироти андозсупорандагони калон пешниҳод намояд. Дар ҳолате, ки чунин ҳуҷҷат вуҷуд надошта бошад ё ин, ки маблағи андоз аз фурӯш аз тарафи хоҷаги деҳқонии «Файзбахш» пардохт нашуда бошад, пас ширкати ресандагии «Заринбофт» ӯҳдадор аст, ки маблағи андози фурӯшро пурра аз ҳисоби худ ба буҷети ҷумҳуриявӣпардохт намояд.*

44. Ҷавобгарӣ барои дуруст ҳисоб кардан, пардохти саривақтии андоз аз фурӯш ба буҷет ва саривақт пешниҳод кардани ҳисоб доир ба андоз аз фурӯш ба зиммаи андозсупорандагон мувофиқи қонунгузории амалкунанда вогузор карда мешавад.

Замимаи 1
Ба Дастурамал «Дар бораи тартиби ҳисоб
ва пардохт намудани андоз аз фурӯш

# ЭЪЛОМИЯИ
# АНДОЗ АЗ ФУРӮШ
*(нахи пахта ва алюминийи аввалия)*

## Қисми I. Маълумоти умумӣ дар бораи андозсупоранда

1 РМА ☐☐☐☐☐☐☐☐☐ 2 РЯМ ☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐

3 РСБ ☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐

4 Номи пурраи андозсупоранда ☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐

5 Намуди Эъломия (дар хоначаи дахлдор аломати X гузошта шавад): Ибтидоӣ ☐ Навбатӣ ☐ Иловагӣ ☐ Барҳамдиҳӣ ☐

6 Давраи андоз А Моҳ ☐☐ Б Сол ☐☐☐☐

7 Моли андозбандишаванда (дар хоначаи дахлдор аломати X гузошта шавад):

А фурӯши нахи пахта ☐

Б фурӯши алюминийи аввалия ☐

8 Воҳидҳои алоҳида (дар хоначаи дахлдор аломати X гузошта шавад): Ҳа ☐ Не ☐

Тавсияҳо барои пур кардан

- барои кӯмак аз Тартиби пур кардани Эъломияи мазкур истифода намоед
- Эъломияро бо ҳуруфоти чопӣ пур кунед, миёни калимаҳо як хоначаро холӣ монед
- ҳангоми пур кардан ручкаи саққодори ранги сиёҳчадоштаро истифода намоед
- маблағҳоро бо сомонӣ нишон диҳед

## ҚисмиII. Ҳисоб намудани андоз

| Рамзи сатр | Нишондиҳандаҳо | Воҳид |
|---|---|---|
| 001 | Миқдори моли андозбандишаванда | ☐☐☐☐☐ (тонна) |
| 002 | Арзиши моли андозбандишаванда (доллар) | ☐☐☐☐☐☐☐☐☐ |
| 003 | Курби асъори миллӣ ба ҳисоби миёна дар давраи ҳисоботӣ нисбати 1 (як) доллари ИМА | ☐☐☐☐☐ (сомонӣ) |
| 004 | Арзиши моли андозбандишаванда (сомонӣ) | ☐☐☐☐☐☐☐☐☐ |
| 005 | Меъёри андоз (фоиз) | ☐☐☐☐☐☐☐☐☐ |
| 006 | Маблағи андоз (сомонӣ) | ☐☐☐☐☐☐☐☐☐ |

| | | |
|---|---|---|
| **007** | **Маблаги андози фурӯши барои моҳи ҳисоботӣ пардохтшуда** | □□□□□□□□□ (сомонӣ) |
| **008** | **Маблағ барои ҳисобкунӣ** | □□□□□□□□□ (сомонӣ) |
| **009** | **Маблағ барои камкунӣ** | □□□□□□□□□ (сомонӣ) |

**Қисми III. Ҷавобгарии андозсупоранда**

**Мо (ман) барои пуррагӣ ва дурустии маълумоти дар хамин Эъломия дарҷгардида тибқи санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошем (ам).**

Аз ҳудудҳои муқарраршуда набароед!

________________________/__________/

Ному насаби Роҳбар Имзо

Аз ҳудудҳои муқарраршуда набароед!

________________________/__________/

Ному насаби Сармуҳосиб Имзо

Ч. М.

Аз ҳудудҳои муқарраршуда набароед!

________________________/__________/

Ному насаби Нозири Эъломияро қабул намуда Имзо

Санаи қабули Эъломия дар мақомоти андоз

□□□□□□□□

рӯз моҳ сол

Аз ҳудудҳои муқарраршуда набароед!

________________________/__________/

Кайд оиди қабули Эъломия

Рамзи мақомоти

Ч.Ш.

## Тартиби
## пур кардан ва пешниҳод намудани эъломияи андоз аз фурӯш

1. Варақаи эъломияи мазкур ва тартиби пур кардани он тибқи муқаррароти қисми 5 моддаи 261 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст.

2. Мутобиқи талаботи қисми 9 моддаи 260 Кодекси андоз эъломияи мазкур дар мӯҳлати на дертар аз санаи 15-уми моҳе, ки баъд аз моҳи ҳисоботӣ фаро мерасад, пешниҳод карда мешавад.

3. Мутобиқи талаботи Боби 8 Кодекси андоз андозсупоранда баҳисобгирии андозиро ба роҳ мемонад.

### Дар эъломия чунин маълумот дарҷ карда мешавад:

### Қисми I. Маълумоти умумӣ дар бораи андозсупоранда

-дар банди 1 рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА) гузошта мешавад.
-дар банди 2 рақами ягонаи мушаххаси андозсупоранда (РЯМ) гузошта мешавад.
-дар банди 3 рақами сабаби бақайдгирии андозсупоранда (РСБ), дар ҳолати доштани воҳиди алоҳида қайд карда мешавад.
-дар банди 4 номи пурраи андозсупоранда қайд кард мешавад.
-дар банди 5 намуди эъломияи пешниҳодшаванда қайд карда мешавад.
-дар банди 6 давраи андоз бо дарҷи моҳ ва соли андоз қайд карда мешавад.
-дар банди 7 намуди моли андозбандишаванда, дарҷ карда мешавад.
-дар банди 8 дар сурати доштани воҳиди (воҳидҳои) алоҳида қайд карда мешавад.

**ҚисмиII. Ҳисоб намудани андоз**

дар сатри 001, миқдори моли андозбандишаванда дарҷ мегардад;
дар сатри 002, арзиши моли андозбандишаванда бо арзи ИМА дарҷ мегардад;

дар сатри 003, қурби асъори миллӣ ба ҳисоби миёна дар давраи ҳисоботӣ нисбати 1 (як) доллари ИМА дарҷ мегардад;

дар сатри 004, арзиши моли андозбандишаванда бо асъори миллӣ дарҷ мегардад;

дар сатри 005, вобаста ба моли андозбандишаванда (нахи пахта ва ё алюминийи аввалия) меъёри андоз дарҷ карда мешавад;

дар сатри 006, маблағи андоз нишон дода мешавад;

дар сатри 007, маблағи андози фурӯши барои моҳи ҳисоботӣ пардохтшуда дарҷ мегардад;

сатри 008 пур карда мешавад, агар натиҷаи тарҳи сатрҳои 006-007 мусбӣ бошад;

сатри 009 пур карда мешавад, агар натиҷаи тарҳи сатрҳои 006-007 манфӣ бошад.

**Қисми III. Ҷавобгарии андозсупоранда**

Дурустии маълумоти дар эъломияи (ҳисоботи) андоз дарҷшавандаро андозсупоранда бо имзои худ ва гузоштани муҳр тасдиқ менамояд. Дар ин қисм санаи пешниҳоди эъломия ва санаи қабули он аз ҷониби мақомоти андоз қайд карда мешавад.

Барои сари вақт пешниҳод накардани эъломияи мазкур, инчунин саркашӣ аз пардохти андоз бо роҳи дидаю дониста ба эъломия дохил кардани маълумотҳои таҳрифшуда, андозсупоранда мутобиқи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣҶумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

ТАСДИҚНОМА

# Т
# А
# С
# Д
# И
# К
# Н
# О
# М
# А

*Замима 3*
*Ба Дастурамал «Дар бораи*
*тартиби ҳисоб ва пардохт*
*намудани андоз аз фурӯш*

## Маълумотнома

оиди содироти_________________ аз Ҷумҳурӣ

барои давраи ____________ то ________________ 201__ сол

| Содироткунандагон | | вазн бо кг | Нархи миёна барои тонна (доллари ИМА) | Арзиши содирот | Сана ва Рақ тасдиқнома додашудаи Мақомоти |
|---|---|---|---|---|---|
| Номгӯи содироткунанда | РМА содироткунанда | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |

*Замима 4*
*Ба Дастурамал «Дар бораи тартиби ҳисоб ва пардохт намудани андоз аз фурӯш*

# ЭЪЛОМИЯИ
# АНДОЗ АЗ ФУРӮШ
*(ҳангоми истифодаи низоми гумрукии коркард)*

## Қисми I. Маълумоти умумӣ дар бораи андозсупоранда

1 РМА ☐☐☐☐☐☐☐☐☐ 2 РЯМ ☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐

3 РСБ ☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐

4 Номи пурраи андозсупоранда

5 Намуди Эъломия (дар хоначаи дахлдор аломати ☒ гузошта шавад): Ибтидоӣ ☐ Навбатӣ ☐ Иловагӣ ☐ Барҳамдиҳӣ ☐

6 Давраи андоз А Моҳ ☐☐ Б Сол ☐☐☐☐

7 Воҳидҳои алоҳида (дар хоначаи дахлдор аломати ☒ гузошта шавад): Ҳа ☐ Не ☐

Тавсияҳо барои пур кардан

- барои кӯмак аз Тартиби пур кардани Эъломияи мазкур истифода намоед
- Эъломияро бо ҳуруфоти чопӣ пур кунед, миёни калимаҳо як хоначаро холӣ монед
- ҳангоми пур кардан ручкаи саққодори ранги сиёҳчадоштаро истифода намоед
- маблағҳоро бо сомонӣ нишон диҳед

## ҚисмиII. Ҳисоб намудани андоз

| Рамзи сатр | Нишондиҳандаҳо | Воҳид |
|---|---|---|
| 001 | Миқдори моли андозбандишаванда | (тонна) |
| 002 | Арзиши моли андозбандишаванда | (доллар) |
| 003 (як) | Курби асъори миллӣ ба ҳисоби миёна дар давраи ҳисоботӣ нисбати 1 доллари ИМА | (сомонӣ) |
| 004 | Арзиши моли андозбандишаванда | (сомонӣ) |
| 005 | Меъёри андоз (ба 1 тонна) | (сомонӣ) |
| 006 | Маблағи андоз (сатри 001 х сатри 005) | (сомонӣ) |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 007 | Маблаги андоз барои моҳи ҳисоботӣ пардохтшуда | (сомонӣ) | |
| 008 | Маблағ барои ҳисобкунӣ | (сомонӣ) | |
| 009 | Маблағ барои камкунӣ | (сомонӣ) | |

**Қисми III. Ҷавобгарии андозсупоранда**

Мо (ман) барои пуррагӣ ва дурустии маълумоти дар хамин Эъломия дарҷгардида тибқи санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошем (ам).

Аз ҳудудҳои муқарраршуда набароед!

____________________/__________/

Ному насаби Роҳбар Имзо

Аз ҳудудҳои муқарраршуда набароед!

____________________/__________/

Ному насаби Сармуҳосиб Имзо

Ч. М.

Аз ҳудудҳои муқарраршуда набароед!

____________________/__________/

Ному насаби Нозири Эъломияро қабул намуда Имзо

Аз ҳудудҳои муқарраршуда набароед!

____________________/__________/

Кайд оиди қабули Эъломия

Санаи қабули Эъломия дар мақомоти андоз

рӯз моҳ сол

Рамзи мақомоти андоз

Ч.Ш.

## Тартиби
## пур кардан ва пешниҳод намудани эъломияи андоз аз фурӯш ҳангоми истифодаи низоми гумрукии коркард

1. Варақаи эъломияи мазкур ва тартиби пур кардани он тибқи муқаррароти қисми 5 моддаи 261 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст.

2. Мутобиқи талаботи қисми 9 моддаи 260 Кодекси андоз эъломияи мазкур дар мӯҳлати на дертар аз санаи 15-уми моҳе, ки баъд аз моҳи ҳисоботӣ фаро мерасад, аз ҷониби таҳвилкунанда пешниҳод карда мешавад.

3. Мутобиқи талаботи Боби 8 Кодекси андоз андозсупоранда баҳисобгирии андозиро ба роҳ мемонад.

**Дар эъломия чунин маълумот дарҷ карда мешавад:**

### Қисми I. Маълумоти умумӣ дар бораи андозсупоранда

-дар банди 1 рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА) гузошта мешавад.
-дар банди 2 рақами ягонаи мушаххаси андозсупоранда (РЯМ) гузошта мешавад.
-дар банди 3 рақами сабаби бақайдгирии андозсупоранда (РСБ), дар ҳолати
-доштани воҳиди алоҳида қайд карда мешавад.
-дар банди 4 номи пурраи андозсупоранда қайд кард мешавад.
-дар банди 5 намуди эъломияи пешниҳодшаванда қайд карда мешавад.
-дар банди 6 давраи андоз бо дарҷи моҳ ва соли андоз қайд карда мешавад.
-дар банди 7 дар сурати доштани воҳиди (воҳидҳои) алоҳида қайд карда мешавад.

### ҚисмиII. Ҳисоб намудани андоз

-дар сатри 001, миқдори моли андозбандишаванда дарҷ мегардад;
-дар сатри 002, арзиши моли андозбандишаванда бо арзи ИМА дарҷ мегардад;

-дар сатри 003, қурби асъори миллӣ ба ҳисоби миёна дар давраи ҳисоботӣ нисбати 1 (як) доллари ИМА дарҷ мегардад;
-дар сатри 004, арзиши моли андозбандишаванда бо асъори миллӣ дарҷ мегардад;
-дар сатри 005, меъёри андоз ба 1 тонна маҳсулоти коркарди муқарраршуда дарҷ карда мешавад;
-дар сатри 006, маблағи андоз нишон дода мешавад;
-дар сатри 007, маблағи андоз барои моҳи ҳисоботӣ пардохтшуда дарҷ мегардад;
-сатри 008 пур карда мешавад, агар натиҷаи тарҳи сатрҳои 006-007 мусбӣ бошад;
-сатри 009 пур карда мешавад, агар натиҷаи тарҳи сатрҳои 006-007 манфӣ бошад.

**Қисми III. Ҷавобгарии андозсупоранда**

Дурустии маълумоти дар эъломияи (ҳисоботи) андоз дарҷшавандаро андозсупоранда бо имзои худ ва гузоштани муҳр тасдиқ менамояд. Дар ин қисм санаи пешниҳоди эъломия ва санаи қабйли он аз ҷониби мақомоти андоз қайд карда мешавад.

Барои сари вақт пешниҳод накардани эъломияи мазкур, инчунин саркашӣ аз пардохти андоз бо роҳи дидаю дониста ба эъломия дохил кардани маълумотҳои таҳрифшуда, андозсупоранда мутобиқи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣҶумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.